«Таслик мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хушвахтзода К.Х.
_____
«31» _____ с. 2022

ХУЛОСА
кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ

Диссертатсия дар мавзуи “Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ришвадиҳии тиҷоратӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба иҷро расидааст.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Шарипов Маҳмадкарим Маҳмадсалимович унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Шарипов Маҳмадкарим Маҳмадсалимович соли 2008 ба факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил гардида, соли 2011 онро аз рӯи ихтисоси “ҳуқуқшиносӣ” хатм намудааст.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ санаи 30 ноябри соли 2020, №410 дода шудааст.

Роҳбари илмӣ – Сафарзода Анвар Ислом, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия хулосаи зерин қабул шудааст:

Мубрамии мавзӯи (предмет) таҳқиқот. Баъди соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-ҶТ) дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат тағйироти муҳим ба амал омаданд, ки ин ба сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии ҶТ бетаъсир намонд. Дар Конституцияи ҶТ инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ ҳамчун арзиши олӣ эътироф гардида, ба ҳимояи ҳамаҷонибаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, дар заминаи қонунгузории ҷиноятӣ таъмин карда шудаанд. Дар замони муосир қонунгузории ҷиноятӣ ба сифати яке аз воситаҳои муҳимми танзимсозандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ баромад намуда, манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлатро аз таҷовузҳои ҷиноятӣ корона ҳифз менамояд.

Бо дарназардошти ин, бесабаб нест, ки ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз таҷовузҳои ҷиноятӣ дар Кодекси ҷиноятии ҶТ дар

мадди аввал гузошта шудааст. Дар баробари ин, рушд ва инкишофи кафолати фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ ва баробарҳуқуқии иқтисодӣ дар кишвар ба созмон додани асосҳои иқтисодиёти миллии пешрафта мусоидат менамояд, ки ин раванд, кишвари моро ба шоҳроҳи пешрафту тараққиёти соҳаҳои гуногун равона сохта, барои таъмини ҳадафҳои давлати иҷтимоӣ замина мегузорад.

Аммо, мутаассифона дар ҷомеа падидаҳое ба мисли ришвадиҳӣ, ришваситонӣ ва дигар кирдорҳои ба ин монанд, ки манфиатҳои иқтисодии шаҳрвандон, ҷомеа ва давлатро поймол месозанд, ба миён меоянд ва монеи рушди бемайлони соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар кишвар гардида, эътимоду боварии мардумро ба фаъолияти пурсамари мақомоти давлатӣ коста мегардонад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 25 апрели соли 2008 таъкид намуданд, ки ришвадиҳӣ ва ришваситонӣ дар ҳар шакл ва дар ҳар зинаи мақомоти давлатӣ ё субъектҳои хусусӣ, ки сурат гирад, пеш аз ҳама нуфузу эътибори давлат ва хусусан мақомоти ҳифзи ҳуқуқро дар миёни халқ паст мекунад. Ҳамчунин, Пешвои миллат дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии ҶТ санаи 26 январи соли 2021 қайд намуданд, ки коррупсия зуҳуроти номатлуб ва барои ҷомеа хатарнок ба ҳисоб рафта, мубориза бар зидди он вазифаи асосии мақомоти давлатӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳар як сокини кишвар мебошад. Бинобар ин, мубориза бар зидди ин ҷиноят бояд яке аз самтҳои асосии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқро ташкил диҳад.

Аз ин рӯ, дар ҳоле ки кафолати фаъолияти озоди иқтисодӣ суръати баланди рушдро касб менамояд ва барои набаромадан аз ҳадди ваколатҳои пешбинигардидаи қонунгузорӣ танзими қонунии он баҳри ҳифзи манфиатҳои ҷомеаву шаҳрвандон аз нигоҳи қонунӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад.

Чунин падидаи иҷтимоӣ, ба монанди дорошавии тамаъҷӯёна аз ҳисоби истифодаи мавқеи хизматии худ ба ҷомеа ҳанӯз аз даврони қадим маълум буд. Аз нигоҳи дигар ришвадиҳӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон доимо ҷой дошт ва он барои давлат яке аз проблемаҳои муҳим ба ҳисоб мерафт. Аммо ҷавобгарӣ дар ин самт танҳо барои додани туҳфа ба намояндагони ҳокимияти давлатӣ муқаррар гардида буд.

Қобили тазаккур аст, ки ришвадиҳии тиҷоратӣ аввалин маротиба дар Кодекси ҷиноятии ҶТ аз соли 1998 ҳамчун ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ гардида буд. То ин замон дар қонунгузории ҷиноятии ҶТ танҳо

таркиби ҷинояти додану гирифтани пора ва миёнаравӣ дар порадиҳӣ муайян буд, ки ришвадиҳии тиҷоратӣ ба он айнят дода мешуд. Маҳз мафҳуми ришвадиҳии тиҷоратӣ мутобиқан дар заминаи мафҳуми додан ва гирифтани пора ба вуҷуд омадааст, ки ин дар хусуси айнияти таркибҳои мазкур низ шаҳодат медиҳад.

Вобаста ба андешаҳои дар боло зикргардида, таҳлили ҳамаҷонибаи назариявии масъалаҳои танзими қонунгузории ришвадиҳии тиҷоратӣ, амалияи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар пайвастагӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ришвадиҳии тиҷоратӣ, коркарди тавсияҳои илман асоснок ҷиҳати мукаммалнамоии қонунгузории ҷиноятӣ дар замони имрӯза мубрам мебошанд. Мақсади таҳқиқоти мазкур низ пеш аз ҳама, барои муайян намудани фарқияти баҳогузории чунин навовариҳо дар қонунгузории ҷиноятӣ ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам аз нигоҳи амалӣ ба шумор меравад.

Дар маҷмуъ, ин омилҳо аз мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ шаҳодат медиҳанд.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ. Диссертатсия дар доираи лоиҳаи илмии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки ба мавзуи «Сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии ҶТ дар даврони муосири рушд» иҷро гардидааст.

Мақсад таҳқиқот. Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки дар асоси таҳлили қонунгузории амалкунанда, омӯзиши амалияи таҷрибаи судӣ, таҷрибаи иҷрои санадҳои судӣ, маводҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ паҳлуҳои мухталифи ришвадиҳии тиҷоратӣ ҳамчун намуди ҷиноят дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифта, тавсияву таклифҳо оид ба мукаммал гардонидани қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ пешниҳод мегардад.

Вазифаҳои таҳқиқот. Барои ноил шудан ба мақсади зикршуда, иҷрои вазифаҳои зерин зарур шуморида мешаванд:

– омӯзиши асос ва моҳияти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ришвадиҳии тиҷоратӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятиии давлатҳои хориҷӣ оид ба ришвадиҳии тиҷоратӣ;

– баррасии объекти ришвадиҳии тиҷоратӣ;

– ошкор намудани тарафи объективии ришвадиҳии тиҷоратӣ;

– таҳлили субъекти ришвадиҳии тиҷоратӣ;

– омӯзиши тарафи субъективии ришвадиҳии тиҷоратӣ;

– баррасии намудҳои бандубастшавандаи ришвадиҳии тиҷоратӣ ва шартҳои махсуси таъқиби ҷиноятӣ ва озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ришвадиҳии тиҷоратӣ.

Объекти таҳқиқот. Объекти таҳқиқоти диссертатсиониро муносибатҳои ҷамъиятие ташкил медиҳад, ки ба омӯзиши ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ришвадиҳии тиҷоратӣ алоқаманданд.

Мавзӯи (предмет) таҳқиқот. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятие иборат аст, ки асос ва моҳияти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ришвадиҳии тиҷоратӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятиии давлатҳои хориҷӣ оид ба ришвадиҳии тиҷоратӣ, таҳлили ҳуқуқии ҷиноятии таркиби ҷинояти ришвадиҳии тиҷоратӣ, намудҳои бандубастшавандаи ришвадиҳии тиҷоратӣ ва шартҳои махсуси таъқиби ҷиноятӣ ва озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ин ҷиноятро фаро мегирад.

Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот. Дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бо мақсади низомнок, пурра ва ҳамаҷониба таҳқиқ намудани масъалаҳои танзими ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ришвадиҳии тиҷоратӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳқиқи таърихи падидаи мазкур диққати ҷиддӣ дода шуда, аз соли 1998 то инҷонибро дар бар мегирад. Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогирандаи солҳои 2017-2022 мебошад.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Асоси назариявии диссертатсияро корҳои илмӣ-назариявии олимони ватанию хориҷӣ оид ба паҳлуҳои гуногуни ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ришвадиҳии тиҷоратӣ ташкил медиҳад. Асоси таҳқиқоти диссертатсиониро асарҳои ҳуқуқшиносону муаррихони шӯравӣ ва пасошӯравӣ, инчунин, асарҳои илмӣ дар соҳаҳои фалсафа, психология, назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, мурофиаи ҷиноятӣ, криминология, ҳуқуқи граждани ва ғайра ташкил додааст.

Асосҳои методологии таҳқиқот. Асосҳои методологии рисоларо усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, ба мисли диалектикӣ, мантиқӣ, расмӣ-ҳуқуқӣ, мантиқӣ-забонӣ, оморӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва дигар усулҳо ташкил медиҳанд.

Тавассути усули диалектикӣ сабаб ва шароитҳои ташаккули ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ришвадиҳии тиҷоратӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст. Бо истифода аз усули мантиқӣ ва расмӣ-ҳуқуқӣ маводи амалӣ вобаста ба мавзӯи

баррасишаванда таҳқиқ шуда, пешниҳодҳо ҷиҳати таҷдид намудани қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур карда шудаанд. Дар заминаи усули мантиқӣ-забонӣ истилоҳ ва ибораҳои мавҷуда оид ба муқаррарнамоии табиати ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ришвадиҳии тиҷоратӣ таҳлил гардида, истифодаи истилоҳи ягонаи аз нигоҳи мантиқӣ ва забонӣ дуруст, пешниҳод карда шудааст. Дар раванди таҳқиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ришвадиҳии тиҷоратӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз усули оморӣ сатҳи татбиқи падидаи мазкур дар амалияи судӣ муайян гардидааст. Дар заминаи усули шаклӣ-ҳуқуқӣ таҳлили қонунгузории ҷиноятии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин назарияҳои мавҷуда оид ба падидаи баррасишаванда анҷом дода шудааст.

Тавассути усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ришвадиҳии тиҷоратӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Усули таърихӣ-ҳуқуқӣ имконият дод то ки пайдоиш ва ташаккули ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ришвадиҳии тиҷоратӣ дар марҳилаҳои гуногуни рушди ҳуқуқи ҷиноятии Тоҷикистон таҳқиқ гардад. Усулҳои ишорашуда дар якҷоягӣ имконият фароҳам оварданд то мавзӯи таҳқиқшаванда ҳамаҷониба, пурра ва объективона омӯхта шуда, вазифаҳои гузошташуда ҳалли худро пайдо намоянд

Заминаи эмпирикии диссертатсия. Заминаи эмпирикии диссертатсия. Дар раванди таҳқиқот омори баррасии ҷинояти ришвадиҳии тиҷоратӣ дар амалияи ҳуқуқтатбикунӣ дар солҳои 2016-2021 таҳлилу баррасӣ гардида, зиёда аз 100 парвандаи ҷиноятӣ оид ба ришвадиҳии тиҷоратӣ дар ноҳия ва шаҳрҳои ҶТ мавриди омӯзиш қарор гирифт.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсия. Навгонии илмии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки диссертатсияи мазкур нахустин пажуҳиши мукаммали илмӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ришвадиҳии тиҷоратӣ дар ҶТ ба шумор меравад. Дар рисола бори аввал аз ҷониби муаллиф мафҳум, асос ва моҳияти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ришвадиҳии тиҷоратӣ дар асоси қонунгузории амалкунанда ва таҳлили муқоисавии он бо қонунгузории кишварҳои хориҷӣ амалӣ гардонида шуда, аломатҳои объективӣ ва субъективии ин ҷиноят, намудҳои бандубастшавандаи онро фаро гирифтааст. Пешниҳод ва хулосаҳои дар рисола дарҷшуда ба такмили қонунгузории ҷиноятии амалкунанда равона гардида, масоили ҷавобгарии ҷиноятиро барои ришвадиҳии тиҷоратӣ дар бар мегирад.

Ба ҳимоя нуктаҳои илмии зерин пешниҳод мегарданд, ки онҳо навгониҳои таҳқиқоти диссертатсиониро ифода месозанд:

1. Криминализатсияи ҳар як кирдори ба ҷамъият хавфнок бояд вобаста ба объекти таҷовуз амалӣ карда шавад. Вобаста ба ин, ришвадиҳии тиҷоратӣ низ бояд вобаста ба соҳаҳое, ки ин ҷиноят дар онҳо содир карда мешавад, пешбинӣ карда шавад. Чунки ба ҷамъият хавфнокии ҷиноят хосияти на худи муносибати ҷамъиятӣ, балки тавсифи сифатии кирдоре мебошад, ки дар доираи муносибати ҷамъиятии мушаххас содир карда мешавад. Бинобар ин, дар доираи фасли ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт пешбинӣ намудани ҷинояти ришвадиҳии тиҷоратӣ ифодакунандаи пурраи табиати ҳуқуқии он набуда, балки ҳамчун яке аз соҳаҳои эҳтимолии паҳншавии он ба шумор меравад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки ин ҷиноят ҳамчун кирдори ба ҷамъият хавфноке, ки ба муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба идоракунии моликият, фаъолияти ташкилотҳои тиҷоратию ғайритиҷоратӣ ё воҳидҳои сохтории онҳо, ҳамчунин кормандони он бояд баҳогузорӣ карда шавад.

2. Дар м. 279 КҶ ҶТ қонунгузор ҳангоми ифодаи тарафи объективии кирдор истилоҳи «пул»-ро истифода бурдааст. Вале мо дар ин маврид, бештар истифодаи истилоҳи «подошпулӣ»-ро мувофиқ мешуморем. Зеро «додан ва гирифтани пул» хусусияти амалҳои ришвадиҳандаро ифода намекунанд. Чунки дар ин сурат, пул танҳо ба он хотир дода мешавад, ки идоракунанда амалҳои муайяни зиддиҳуқуқиро анҷом диҳад. Ба ибораи дигар идоракунанда пулро ҳамчун подоши амалҳои ғайриқонуниаш мегирад. Бинобар ин, пешниҳод карда мешавад, ки дар м. 279 КҶ ҶТ калимаи «пул» ба калимаи «подошпулӣ» иваз карда шавад.

3. Дар баъзе аз давлатҳо ҷинояти аз рӯйи аломатҳои худ ба ришвадиҳии тиҷоратӣ шабеҳ ба сифати ҷинояти мустақил ҷудо карда намешавад. Дар чунин ҳолатҳо хизматчиёни ташкилотҳои (корхонаҳо, муассисаҳо) ғайридавлатӣ, ки подошпулии ғайриқонунӣ гирифтаанд, барои гирифтани пора таҳти ҷавобгарӣ қарор мегиранд (Масалан, Шведсия). Дар давлатҳои дигар ҳангоми ҷой надоштани мафҳуми ришвадиҳии тиҷоратӣ дар қонунгузории ҷиноятӣ меъёрҳое мавҷуд мебошанд, ки аз тарафи кормандони роҳбарикунандаи иттиҳодияву ҷамъиятҳо содир гардидани ҷиноятҳоеро, ки ба моликият ва тартиботи иқтисодӣ-иҷтимоӣ таҷовуз менамоянд, манъ мекунанд (ИМА, ҶФО Испания).

Ҳамзамон, қобили таваҷҷуҳ аст, ки ҷинояти мазкур дар ягон давлати қайдгардида ҳамчун «ришвадиҳии тиҷоратӣ» номгузорӣ намешавад, балки ҳамчун «порадиҳии тиҷоратӣ» ё «порадиҳӣ ва ё

ришвадиҳӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ» ва бо дигар номҳо ифода карда мешавад, ки ба назари мо моҳияти ҷинояти мазкурро дақиқтар инъикос менамояд. Вобаста ба ин, мувофиқи мақсад дониста мешавад, ки масъалаи ба КҶ ҶТ ворид намудани меъёрҳои ҳуқуқи аврупоӣ доир ба ришвадиҳӣ, бо назардошти ҷанбаҳои мусбат ва манфии он ба назари эътибор гирифта шавад.

4. Аслан сохтори м. 279 КҶ ҶТ қоидаи умумии тарҳрезии сохтори моддаҳои дигари Қисми махсуси КҶ ҶТ-ро вайрон менамояд. Ҳамчун қоида, дар моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ аломатҳои муайянкунандаи танҳо як таркиби ҷиноят муқаррар шудааст, ки ин барои бандубасти дурусти ҷиноят мусоидат карда метавонад. Айни замон бошад, мо дар доираи як модда ду таркиби ҷинояти мустақил дорем (қ. 1-2 м. 279 КҶ ҶТ додан ва қ. 3-4 м. 279 КҶ ҶТ гирифтани пул). Яъне дар ин асос, ҷавобгарӣ барои додан ва гирифтани подошпулӣ ҳангоми ришвадиҳии тиҷоратӣ бояд дар доираи меъёрҳое пешбинӣ карда шавад, ки дар моддаҳои алоҳидаи Қисми махсуси КҶ ҶТ мустаҳкам шудаанд.

5. Дар заминаи таҳқиқоти иҷрогардида ҷудо намудани аломатҳои асосии тарафи объективии ришвадиҳии тиҷоратиро зарур мешуморем.

– тарафи объективии ришвадиҳии тиҷоратӣ – додани подошпулӣ (қ.1 м.279 КҶ ҶТ) аломатҳои зеринро дар бар мегирад: а) додани пул, коғазҳои қиматнок ё дигар молу мулк, ё ин ки расонидани хизмати дорои хусусияти молу мулкӣ барои амали анҷомдода (беамалӣ) ба манфиати ришвадиҳанда; б) хусусияти ғайриқонунӣ доштани додани молу мулк ё пешниҳоди хизматрасонӣ; в) ба додани молу мулк ё пешниҳоди хизматрасонӣ вобаста (алоқаманд) будани амалҳои (беамалӣ) аз идоракунанда интизоршаванда ё аз ҷониби ӯ содиршуда; г) хусусияти ташкилӣ-амрдиҳӣ ё маъмурӣ-хоҷагӣ доштани амалҳои (беамалӣ) дар робита ба ришвадиҳӣ содиршаванда.

– тарафи объективии ришвадиҳии тиҷоратӣ-гирифтани подошпулӣ (қ.3 м.279 КҶ ҶТ) аломатҳои зеринро фаро мегирад: а) гирифтани молу мулк ё ин ки истифодаи хизматрасонии хусусияти молумулкӣ дошта барои содир намудани амалҳо (беамалӣ) ба манфиати ришвадиҳанда; б) хусусияти ғайриқонунӣ доштани гирифтани молу мулк ё истифодаи хизматрасонӣ; в) ба изҳори ирода (хоҳиш) алоқаманд будани гирифтани молу мулк ва ё истифодаи хизматрасонӣ ба ивази содир намудани амалҳои (беамалӣ) муайян аз ҷониби идоракунанда; г) хусусияти ташкилӣ-амрдиҳӣ ё маъмурӣ-хоҷагӣ доштани амалҳои (беамалӣ) дар робита ба ришвадиҳӣ аз ҷониби ришвагиранда содиршаванда.

6. Таҳти мафҳуми тамаъҷӯӣ дар таркиби ҷинояти ришвадиҳии тиҷоратӣ бояд талаби пешниҳод кардани он зери таҳдиди содир кардани амалҳое, ки метавонанд ба манфиатҳои қонунии ришвадиҳанда ё наздикони ӯ зарар расонанд, ё ин ки охиринро дар шароите қарор медиҳад, ки ӯ маҷбур мешавад бо мақсади пешгирӣ кардани оқибатҳои барои манфиатҳои қонунии ӯ ва ё наздиконаш зараровар-ришвадиҳии тиҷоратиро содир намояд, фаҳмида мешавад.

Бобати мукаммал гардонидани қонунгузории ҶТ ворид намудани **тағйиру иловаҳои** зеринро судманд меҳисобем:

1. Қонунгузории ҷиноятӣ мазмун ва аломатҳои мафҳумҳои «корхонаи тиҷоратӣ» ва «дигар корхона»-ро, ки дар диспозитсияи м. 279 КҶ истифода гардидааст, намекушояд ва зарурияти муроҷиат ба қонунгузории дигар соҳаҳо ба миён меояд. Ҷиҳати ягонасозии мафҳумҳои дар қонунгузории ҷиноятӣ истифодашаванда бо дигар соҳаҳо пешниҳод менамоем, ки дар м. 279 КҶ истилоҳи «корхона» ба калимаи «ташкилот» иваз карда шавад, зеро мафҳуми «ташкилот» васеъ буда, тамоми субъектҳои хоҷагидориро дар бар мегирад.

2. Дар м. 279 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, «ки шахсе, ки дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхона вазифаи идоракуниро ба ҷо меорад» субъекти ришвадиҳии тиҷоратӣ маҳсуб меёбад. Қобили зикр аст, ки дар ин ҷо калимаи «вазифа» нодуруст истифода гардидааст, зеро дар фарҳанги забони тоҷикӣ он ҳамчун муродифи калимаи «мансаб» истифода гардидааст. Аз ин лиҳоз, пешниҳод карда мешавад, ки дар м. 279 КҶ ҶТ калимаи «вазифаи» ба калимаи «ваколатҳои» иваз карда шавад.

3. Бо мақсад мувофиқ аст, ки дар эзоҳи м. 279 КҶ ҶТ муқаррароти зерин пешбинӣ карда шавад: «Иҷрокунандаи ваколати идоракунӣ дар ташкилоти тиҷоратӣ ё дигар ташкилот шахсе эътироф мегардад, ки тибқи қонунгузории ҶТ ва санадҳои меъёрии дохилии ташкилот ба кор қабул карда шудааст ва ба таври доимӣ, муваққатӣ ё тибқи ваколати махсус (ваколатнома) функсияҳои идоракуниро дар ташкилоти тиҷоратӣ ё ғайритиҷоратӣ новобаста аз шакли моликият иҷро менамоянд».

4. Ба сифати субъекти махсуси ришвадиҳии тиҷоратӣ, ки дар қ. 3 ва 4 м. 279 КҶ ҶТ пешбинӣ гардидааст, бояд шахси воқеии мукаллафи ба синни 18-солагӣ расида муқарраррар карда шавад. Чунки шахс аз 18-солагӣ қобилияти пурраи ҳуқуқдорӣ пайдо намуда, дар ташкилоти тиҷоратӣ ё дигар ташкилот мақоми муайяни мансабиро ишғол намуда, имконият дорад аз номи ташкилот баромад кунад, муносибатҳои ҳуқуқии граждани, меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои ҳуқуқиро, ки

субъекти онҳо худи ташкилот ва ё дигар ашхоси ваколатдорнамудаи он мегарданд, муқаррар намояд, тағйир диҳад ва ё қатъ намояд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳо баҳри такмили қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ришвадиҳии тиҷоратӣ равона гардидааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад боиси такмили меъёрҳои амалкунандаи қонунгузории ватанӣ гардад, дар амалия тартиби танзими ҷавобгарӣ барои ришвадиҳии тиҷоратӣ дуруст татбиқ карда шавад, зимни фаъолияти мақомоти қонунгузорӣ, судҳо ва дигар мақомотҳо васеъ истифода гарданд. Таҳқиқоти пешниҳодшуда метавонад дар раванди таълими фанҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, инчунин, дар курси махсуси таълимии ҳуқуқӣ, аз ҷумла фанни "Ҷиноятҳои иқтисодӣ" истифода шавад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо. Эътимоднокии тадқиқоти диссертатсия тавассути истифодаи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, таҳлили қонунгузории ватанӣ ва хориҷӣ, омӯзиши адабиёти умумӣ ва махсус оид ба мавзӯи тадқиқот ва рисолаҳои як қатор олимон, ки нуқтаҳои назари илмии муосирро оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ришвадиҳии тиҷоратӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос менамояд, ба даст оварда шудааст.

Эътимоднокии тадқиқоти диссертатсия инчунин аз истифодаи заминаҳои васеи таҷрибавӣ, ки дар шакли маълумотҳои гуногуни оморӣ, ҷамъбасти маводи таҷрибаи судӣ ва таҳлили як қатор парвандаҳои ҷиноятӣ оварда шудаанд, бармеояд. Ҳамчунин, натиҷаҳои тадқиқоти рисолаи илмӣ ба он хотир эътимодноканд, ки онҳо дар асоси таҳлили Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарорҳои Пеленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра ба даст омадаанд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзӯъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мувофиқ мебошад.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок карда мешавад. Ҳамчунин, тарзи навишт, гузориши масъала, сабки диссертатсия саҳми шахсии

муаллифро нишон медиҳад. Илова бар ин, аз тарафи муаллифи диссертатсия дар мақола ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳодҳо ҷиҳати такмил бахшидани қонунгузории ҷиноятии ватанӣ ва фаъолияти мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда дар соҳаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ришвадиҳии тиҷоратӣ ироа гардидааст.

Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия. Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ омода ва мавриди муҳокимаи илмӣ қарор гирифтааст. Муҳтавои асосии диссертатсия дар 6 мақолаи илмӣ инъикос ёфтааст. Аз ин шумораи мақолаҳо 3 номгӯй дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ба нашр расидааст:

1. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

[1–М]. Шарипов, М.М. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ришвадиҳии тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.М. Шарипов // Паёми ДМТ(Мақолаи илмӣ). – 2020. – № 20. – С. 20–30.

[2–М]. Шарипов, М.М. Ҷавобгарӣ барои ришвадиҳии тиҷоратӣ мутобиқи қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ (Аврупо ва Амрико) / М.М. Шарипов // Паёми ДМТ (Мақолаи илмӣ). – 2019. – № 3. – С. 246–252.

[3–М]. Шарипов, М.М. Особенности состава коммерческого подкупа по законодательству Республики Таджикистан / М.М. Шарипов // Правовая жизнь. – 2018. – № 2 (22). – С. 136–142.

2. Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашрияҳои илмӣ чоп шудаанд:

[4–М]. Шарипов, М.М. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ришвадиҳии тиҷоратӣ дар ҶТ / М.М. Шарипов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2018. – № 2 (10). – С. 103–111.

[5–М]. Шарипов, М.М. Моҳияти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ришвадиҳии тиҷоратӣ / М.М. Шарипов // Конференсияи ҷумҳуриявии илми назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028”, “Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ”, “140-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон

Садриддин Айнӣ” ва “70-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон”. – Душанбе 2019. – С. 614–618.

[6–М]. Шарипов М.М. Масоили муайян кардани субъекти ришвадиҳии тиҷоратӣ дар Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба Рӯзи ҳуқуқи инсон ва Рӯзи байналмилалии муқовимат бо коррупсия зери унвони «Ҳуқуқи инсон дар ҷаҳони муосир: консепсияҳо, воқеият ва дурнамо» Душанбе 2021 С. 161-171.

Ҳамаи мақолаҳои муаллиф оид ба мухтавои диссертатсия навишта шуда, таҳлили онҳо дар қисми хулосавии диссертатсия сабт гардидаанд.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот. Нуқтаҳои алоҳидаи диссертатсия дар шакли маърӯза дар конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028”, “Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ”, “140-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ” ва “70-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон”, конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Муқовимат бо коррупсия дар ҶТ: роҳҳо ва натиҷаҳои он (7 декабри соли 2019, шаҳри Душанбе), “Роҳҳои муосири мубориза бо коррупсия дар Тоҷикистон” нашр шудааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ихтисорот, муқаддима, ду боб, ҳафт зербоб, хулоса ва номгӯи адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад.

ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсия таҳқиқоти мантиқан анҷомёфта буда, ягонагии дохилӣ дорад ва аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои натиҷаҳо ва нуқтаҳои нави илмии барои ҳимоя пешниҳодшаванда мебошад, ки дар он саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба назар мерасад. Рисолаи мазкур ба талаботи манзурнамудаи банди 17-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

2. Диссертатсияи Шарипов Маҳмадкарим Маҳмадсалимович дар мавзӯи “Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ришвадиҳии тиҷоратӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси: 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ қабул карда шудааст. Дар

ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” – 16, “зид”- 0, “бетараф”- 0, протоколи № 6 аз 26 январи соли 2022.

Раиси ҷаласа:
И.в. мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ
ва муқовимат бо коррупсияи факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ **Раҳмонзода М.Ҷ.**

Котиби ҷаласа:
дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ
ва муқовимат бо коррупсияи факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ **Холиқзода Ш.Л.**

Имзои Раҳмонзода М.Ҷ. ва Холиқзода Ш.Л.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус **Тавқиев Э.Ш.**